Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи молия ва иқтисоди
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067,
ш.Душанбе кӯчаи Нахимов 64/14,
E-mail:faridullo72@mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаҳои алоҳидаи фаъолияткунанда дар бештари мавридҳо аз фаъолияти бароҳмондаи сиёсати давлатӣ ва бахши хусуӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз як тараф, шаклҳои нави муносибатҳои иктисодӣ торафт ташаккул меёбанд ва алоқамандии иқтисодиёти минтақаҳои кишвар миёни ҳамдигар ва ҳамкориҳои мақомотҳои маҳалии ҳокимияти давлатӣ густариш ёбанд ва аз тарафи дигар, шарикии бахшҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо зарурати истифодаи фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавиро дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ талаб менамояд.

Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ муваффақона дар соҳаҳои маориф, тиб, нақлиёт, шаҳрдорӣ ва энергетика амалӣ гардида истодааст. Дар доираи Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар назар дошта шудааст, ки тартиби баҳисобгирии лоиҳаҳои ҳамкории бахшҳои давлативу хусусӣ, инчунин нишондиҳандаҳои мониторинги лоиҳаҳои дар доираи нақшаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ татбиқшаванда барои ҳамаи соҳаҳо бояд таҳия гардад.

Доир ба мавзуъҳои дастгирии давлатӣ дар самти фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалӣ намудани лоиҳаҳо ва таҷрибаи давлатҳои тараққикарда дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар шароити имрӯза корҳои назаррас иҷро шуда истодааст. Инчунин доир ба заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастгирии давлатии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконоти татбиқи лоиҳаҳои шарикиро дар соҳаи гуногуни мезоиқтисоди, таҷрибаи давлатҳои минтақа

дар амалӣ намудани лоиҳаҳои шарики давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки ин мубрамияти мавзуи таҳқиқотро муайян месозад.

Унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ, ба фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳаммияти хоса додааст. Зоҳири Тоҷиддин ба масъалаҳои омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ аҳаммияти хоса дода натиҷаҳои назаррасро бадаст овардааст.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти худ, муаллиф қайд намудааст, ки дар ин гуна муносибатҳо мавқеи муҳимро салоҳияти бахши давлатӣ дар нигоҳдории манфиатҳои бахши хусусӣ дар самти хизматрасониҳои сатҳи маҳаллӣ (маориф, тандурустӣ, нақлиёт, хоҷагии комуналӣ ва ғайра ишғол менамояд.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф таъкид мекунад, ки барои дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор додани ШДБХ таҳия ва коркарди механизми мукаммалгардонии он дар сатҳи минтақавӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар мадди аввал зарур аст, ки лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ ташкил карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки муаллиф дар таҳқиқоти худ, тавассути пурсишнома баҳогузории вазъи кунунии рушди доираи хизматрасонии ниҳоди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бароҳмонда, чунин хулоса кардааст: институти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақаҳо дар марҳилаи мутобиқшавӣ қарор дорад. Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани механизми амалкарди шарикии давлат ва бахши хусусӣ зарур аст, ки асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии он дар сатҳи минтақавӣ мукаммал карда шавад.

Баояд қайд кард, ки дар баробари натиҷаҳои ба даст омада, дар самти таҳқиқоти фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат, дар автореферат камбудиҳое ифшо гардидааст, ки бартарафнамоии онҳо метавонад мавзуи таҳқиқотро боз ҳам беҳтар гардонад:

1. Дар автореферат нақши ҳукумати электронӣ ҳамчун фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат, мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст, ки истифодаи чунини фишанг метавонад сиёсати минтақавии давлатро бозҳам рушд диҳад.
2. Тавсия дода мешавад, ки пешниҳодҳо оид ба муайянсозӣ ва такмил додани фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат тавассути шарики давлат ва бахши хусусӣ бояд мушаххас карда шаванд.

Умуман гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи “Фишангҳои амалигардонии сиёсати

минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)" анҷомёфта буда аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мебошад ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол, таҳти №267 тастиқ шудааст. Бинобар, ин Зоҳири Тоҷидин барои гирифтани дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор медонем.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и., дотсент, сардори шӯъбаи
идоракунии сифати таҳсилоти ДДБ
"Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав" Гулов Қ.М.

*Дурустии имзои Гулов Қ.М.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ "Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав" Исозода Т.И.

*Суроға Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон,*
*735140, ш, Бохтар кӮчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53,*
*E-mail: bgu-1978@mail.ru, WWW.btsu.tj*